*ТДУ 8Т1*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-229-236*

# *АРЗИШИ АДАБИИ ҶИЛДИ СЕЮМИ «МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»- И БАДОУНӢ*

***Пӯлотов Назирҷон Набиҷонович,*** *н.и.ф.,дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон,Хуҷанд)*

# *ЛИТЕРАТУРНОЕ ЗНАЧЕНИЕ ТРЕТЬЕГО ТОМА «МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ» БАДОУНИ*

***Пулатов Назирджон Набиджонович,*** *к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан,Худжанд)*

# *THE LITERARY SIGNIFICANCE OF THE THIRD VOLUME «MUNTAKHAB-AT-TAWORIKH» OF («AN EXTRACT FROM HISTORIES») BADAONI*

***Pulatov Nazirdjoh Nabidjonovich,*** *candidate of philological sciences, associate professor of Tajik classic literature department of SEI «KSU after acad. Bobojon Gafurov» (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *pulotovnn 1973@ mail. ru*

***Вожаҳои калидӣ***: *сарчашмаи муҳими адабӣ, Бадоунӣ, "мунтахаб-ут-таворих", шоирон, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, асари таърихӣ*

*Дар мақола ҷанбаи адабиву тазкиравии «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодири Бадунӣ бо мисолҳои мушаххас нишон дода шуда, мақоми он ба сифати сарчашмаи муҳимми адабӣ нишон дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки Бадоунӣ аз донишмандони пуркори охири асри XVI буда, бо осори арзишманди худ дарривоҷу равнақи адабтиёти форсизабони Ҳиндустон саҳми беназир гузошта, сабки хоси баён дорад. Дар мақола доир ба ҷилди сеюми асари таърихии Бадоунӣ «Мунтахаб-ут-таворих» изҳори назар шуда, муаллиф дар бораи ҳакимону олимон ва шоирон маълумоти ҷолибу тозае додааст, ки дар китобҳои дигари таърихӣ чунин иттилоот дида намешавад. Аз ин рӯ, иттилои муаллифи китоб беаҳамият нест ва дар омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳинд матолиби муфид дорад.*

***Ключевые слова:*** *важный литературный источник, Бадоуни, «мунтахаб-ут-таворих»поэты, индийская персоязычная литература, историческое сочинение*

*В статье на основе конкретных примерах показан литературное значение («Извлечение из историй») Абду-л Кадира Бадауни и предоставлен как важный литературный источник.Отмечается, что Бадауни продолжает традиции энциклопедии и обладает особым стилем выражения. Подчеркивается, что в третьем томе исторического труда Бадауни - «Извлечение из историй» автор дал интересные и новые сведения о мудрецах, ученых и поэтах, которых нет в других книгах. По мнению автора статьи информация автора книги не лишена значения и является полезным материалом при изучения персоязычной литературы Индии.*

***Key words:*** *important literary source, Badaoni, «Muntakhab-at-taworikh»,poets, Indian Persian literature, historical composition*

*This article shows the narrative aspect of «Muntakhab-at-taworikh» (Extraction from stories) by Abdu-l Qadir Badaoni with specific examples and is provided as an important literary source. Badaoni continues the tradition of the encyclopedia and has a distinct style of expression. In the article, in the third volume of Badaoni's historical work - «Muntakhab-at-taworikh» (Extraction from stories), the author gave interesting and new information about sages, scientists and poets, which are not found in other books. Therefore, the information of the author of the book is considered as significant and is a useful material in the study of the Persian-language literature of India.*

Адабиёти форсизабони Ҳиндустон таърихи тӯлонӣ ва ғанӣ дошта, дар он сарчашмаҳои таърихию адабии судманде мавҷуданд, ки онҳо фарогири воқеа ва ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ буда, доир ба ҳаёту фаъолият ва осори шуаро, удабо, шайхону донишмандон, маҷлисҳои адабӣ ва адибони ҷудогона ахбори ҷолиб медиҳанд. Тазаккур бояд дод, ки онҳо дар рушду такомули адабиёти форсизабон дар ин хиттаи сарсабзу хуррам хидмати арзандаеро ба субут расонида, дар замони мо барои таҳқиқи таърихи адабиёти форсизабони шибҳи қораи Ҳинд кӯмак менамояд.

Дар радифи тазкираҳову, донишномаҳо даҳҳо кутуби таърихии асри XVI, аз қабили "Бобурнома", "Ҳумоюннома", "Акбарнома", "Ҷаҳонгирнома", "Мунтахаб-ут-таворих", "Таърихи Алфӣ", "Маосири Раҳимӣ" ҳамчун сарчашмаи адабӣ хидмат менамоянд. Дар онҳо

қатор масоили норавшани адабиёт, ишораҳо аз лаҳзаҳои алоҳидаи шуаро ва осори суханваронро пайдо кардан мумкин аст.

Шоёни зикр аст, ки **«Мунтахаб-ут-таворих»**-и асари донишманд, тарҷумон ва муаррихи дарбори Акваршоҳ (1556-1605) Абдулқодир ибни Мулукшоҳ ибни Ҳомиди Бадоунӣ аз ҷумлаи муҳимтарин маъхази адабӣ ва гаронбаҳои таърихӣ дар шибҳи қораи Ҳинд маҳсуб ёфта, роҷеъ ба олимону суханварони мумтози аҳди Ҷалолиддин Муҳаммад Акбаршоҳ, ки эшонро ба корҳои махсуси девонию дарборӣ маъмур медошт ва дар пешрафту тараққиву вусъату устувории ҳукумату салтанат суде гузоштаанд, маълумот додааст.

Бадоунӣ аз шахсиятҳои соҳибэҳтирому бонуфузи дарбори Акбаршоҳ ва маҳсуб ёфта, шарҳи ҳоли ӯ «Мунтахаб-ут-таворих» ба тафсил зикр гарида, [6.,ҷ.3], табъи шоирӣ дошта, «**Қодирӣ»** тахаллус мекардааст [16,с.1252].

Маълум аст, бо роҳбарӣ ва иштироки Абдулқодири Бадоунӣ аз забони санскрит якчанд китоби қадими ҳиндӣ, аз қабили «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Баҳр-ул-асмор», «Таърихи Кашмир», «Синкҳосинтабасӣ» («Номаи хирадафзо»), «Катҳасаритасагара» ба забони форсӣ-тоҷикӣ удаанд, тарҷума шудаанд. Ҳамзамон, Бадоунӣ аз забони арабӣ аҳодиси набавиро бо номи «Китоб-ул-аҳодис» соли 978/1570 ба форсӣ- тоҷикӣ тарҷума карда, нусхаеро аз он ба Акбаршоҳ эҳдо намуда, тарҷумаи «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавиро дар соли 999/1591 ба поён расонидааст [6,9,с.359; 17,с.320].

Дар ҳаммуаллифӣ бо дигар нависандагону уламо чанд китоби ҳиндиро ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки яке аз он китоби маъруфи ҳиндувон **«Маҳабҳарата»** маҳсуб меёбад [14,с.280-285]. Ин асар бо дастури Ҷалолуддин Акбар тарҷума шуда, соли 1582 бо номи «Размнома» анҷом пазируфтааст [9, с.359; 17,с.320].

Ғайр аз тарҷумаи «Маҳабҳарата» Бадоунӣ соли 1584 ба тарҷумаи «Рамаяна» ва “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидаддини Файзуллоҳ маъмур гашта, дар радифи дигар донишмандони аҳди хеш дастҷамъона бо супориши Акбар дар таълиф ва тарҷумаи «Таърихи алфӣ», ки оид ба таърихи ислом аст, ширкат доштааст.

**«Мунтахаб-ут-таворих»** бо номи **«Таърихи Бадоунӣ»** низ дар байни аҳли улум ва таҳқиқ маъруфият дошта, таърихи Ҳиндустонро аз оғози салтанати Ғазнавиён, то замони зиндагии муаллиф (солҳои 90 асри XVI) дар бар гирифта, мусанниф онро дар байни солҳои /1590-1595-96 таълиф намудааст ва он инъикоскунандаи фарҳангу маданияти Ҳинд буда, ба гуфтаи Тавфиқ Субҳонӣ «...*нахустин таърихи форсии Ҳинд аст*» [4,с.7].

Асар аз муқаддима, 9 табақаю хотима иборат буда, дарбаргирандаи матлабе пиромуни сулолаҳои Ғазнавиён, Ғуриён, Ғуломон, Хилҷиён, Туғлуқиён, Лудиён, Суриён, Темуриён аз Бобур то Ҳумоюн ва Ҷалолиддин Акбар буда, муштамил бар се муҷаллад аст.

Лозим ба зикр аст, ки охирин чопи сангии ин асар ба солҳои 1868 рост меояд, ки дар Калкутта ба тасҳеҳи Уиллям Носулис ва Муншӣ Аҳмад Алии Соҳиб ва эҳтимоми Каптон Соҳиб Мавсуф ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунин, соли 1379 ҳ./1959 милодӣ асари мазкур бо нигоҳдошти тасҳеҳи қаблии худ, аммо бо муқаддимаи Тавфиқ Субҳонӣ дар Теҳрон ба табъ расидааст.

Ҷилди аввали «Мунтахаб-ут-таворих» фарогири муқаддима, ки бо ҳамди Худованду наъти ҳазрати Паёмбар (с) ва хулафои рошидин, фоидаи илми таърих оғоз ёфта, дар он воқеаву ҳаводиси марбут ба адвори гуногуни ислом, футӯҳоти мусалмонон дар Ҳиндустон (аз Носируддин Сабуктегин то Ҳумоюнподшоҳ–Н.П.) ва рухдодҳои ин сарзамини афсонавӣ то ҷулуси Ҷалолиддин Акбаршоҳ бо сабаби таълифи асар ва нуҳ табақаи таърихӣ: таърихи Ҳинд аз Сабуктегин то Хусрави мулук, таърихи Ғуриён (1186-1206, таърихи Ғуломон (1206-1290), таърихи Хилҷиён (1290-1320), Туғлуқиён (1320-1413), Саййидон (1414-1451), Лудиён (1451-1526), Темуриён (давраи аввал аз Бобур то ихроҷи Ҳумоюн аз Деҳлӣ ва воқеа ва ҳодисаҳои давраи бозгашти Ҳумоюн то чиҳилумин соли салтанати Акбаршоҳ зикр ёфтаан [6].

Ҷилди дуюми «Мунтахаб-ут-таворих» ба баёни аҳволи чиҳилсолаи Акбаршоҳ ибтидо ёфта, бо номи «*Зикри ҷулуси Ҷалолуддин Муҳаммад Акбарподшоҳ бар сарири ҳарири салтанат»* оғоз ёфта, ба воқеаҳои он давр бахшида шудааст. Ин қисмат барои омӯзиши аҳволу зиндагии Акбаршоҳ басо пурарзиш аст, зеро дар он воқеаву ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии замони салтанати Акбар, аз ҷумла тариқи ҳукумати Акбар, андешаи динию мазҳабии шоҳу шоҳзодагон ва мансабдорони воломақом, эҷоди дини навини Акбар ва чигунагии он, муносибати дарбориён бо адёни Акбарӣ ва ғайра бисёр мӯъҷазу дақиқ ва баъзан муфассалтар баён карда шуда, тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд [5].

Ҷилди сеюми «Мунтахаб-ут-таворих» як навъ тазкираи ҷудогонаю мустақил буда, муҳимтарин бахши китоб ба шумор рафта, дар он маълумоти бисёр муфид дар хусуси шарҳи ҳоли шайхон, донишмандон ва олимону адибони аҳди Акбар оварда шудааст. Муаллифи асар онро мувофиқи суннати тазкиранигорӣ ироа намуда, саъй кардааст, ки маълумоти ҷолибу хотирмон пешниҳод намояд.

Ин муҷаллад шомили чор қисмат буда, дар оғоз муаллиф пиромуни 38 тан аз машоихи Ҳинд, амсоли Ҳотами Сунбулӣ, Шайх Бурҳон, Шайх Муҳаммад Канбуи Сунбулӣ, Шайх Фахриддин, Шайх Салими Чиштӣ, Шайх Муҳаммад Қаландари Лакҳнавӣ, Ваҷеҳуддини Аҳмадободӣ, Абдуллоҳ Ниёзи Сарҳиндӣ, Шайх Рукниддин, Шайх Абдуллоҳи Бадоунӣ, Шайх Абдулвоҳиди Балгиромӣ, Шайх Ҳамзаи Балгиромӣ ва ғайра ҳарф зада, эшонро муаррифӣ намудааст. Боиси тазаккур аст, ки мусаннифи асар дар бораи аксари машоих маълумоти муфассал овардааст. Масалан, дар баёни шайх Муҳаммад Канбуи Сунбулӣ чунин меоварад: «... *аз силсилаи қодирия буда, соҳиби завқ ва ваҷд буд, овози хуш дошт ва ... дар авоили ҷо касби улуми зоҳирӣ намуда, дар санаи 975 ҳ. рахт ба дорулвисол кашида»* [6,с.7].

Ё, дар бораи Шайх Салими Чиштӣ гуфта, « *... асли ӯ аз Деҳлӣ аст, аз роҳи хушкӣ ва тарӣ ду бор аз диёри Ҳинд ба Рум, Бағдод ва Шом ва дигар билод сафар карда, дар вақти ҳаҷ ба Маккаи муаззама расида»* [6,с.10].

Ҷалолуддин Акбаршоҳ ба эҳтироми ин Шайхи бузург номи писари худро Салим мегузорад. Шоҳзода Салим 17-уми рабеулаввали соли 977 ҳ. /1569 м. дар манзили Шайх Салими Чиштӣ дар шаҳри Сикрӣ ба дунё омадааст, ки нисбат ба ин рӯйдоди таърихӣ вазири аҳди Акбаршоҳ- Абулфазли Алломӣ дар асари гаронарзиши худ – «Акбарнома» маълумоти ҷолиб овардааст [12,с.242].

Баъдан роҷеъ ба 69 тан аз фузалои он давра, ки «ҷомеи авроқи аксар эшонро мулозимат карда», ба монандаи Мавлоно Абдуллоҳ Султонпурӣ, Шайх Мубораки Ногурӣ, Қозӣ Ҳусейни Иҷмирӣ, Мир Абдулатифи Қазвинӣ, Шайх Ҳусейни Бадахшӣ, Қозӣ Ҷалолуддини Мултонӣ, Шайх Абдулнабӣ Садрулсудур, Абдулғании Бадоунӣ, Шайх Абдулҳаққи Деҳлавӣ, Мавлоно Абдулшукури Лоҳурӣ, Мавлоно Нуриддин Муҳаммади Тархон ва амсоли онон ҳарф задааст.

Масалан, дар атрофии Шайх Мубораки Ногурӣ, қайд менамояд, ки аз уламои кабири рӯзгор буда, дар тақво ва таваккал мумтози абнои замон ва халоиқи даврон аст. Бадоунӣ меоварад, ки *«...илми шеър ва муаммо, хусусан тасаввуфро бар хилофи уламои Ҳинд хуб варзида..»* [6,с.51]. Дар бораи 15 тан аз ҳакимони маъруфи он замон ба мисли Ҳаким Абдулфатҳи Гелонӣ, Ҳаким Мисрӣ, Ҳаким Лутфуллоҳи Гелонӣ ва дигарҳо ба таври мухтасар сухан ронда, сипас, пиромуни осори 67 тан шоирои рӯзгори худ ба таври ихтисор маълумот овардааст.

Бояд қайд намуд, ки мусаннифи асар дар зикри шайхону донишмандон оид ба масъалаҳои паиҳам ёдоварӣ намудани онҳо тартиби муайянро риоя накардааст. Ҳангоми зикри шуарои аҳди Акбаршоҳ аввал доир ба маликушшуарои аҳди Акбаршоҳ - Ғазолии Машҳадӣ, сипас оид ба рӯзгор ва осори Қосими Коҳӣ, Хоҷа Ҳусейни Марвӣ, Қосим Арслон, Оташи Қандаҳорӣ, Ашрафхони Мирмуншӣ, Амир Қозии Асирӣ, Мир Имомӣ, Мир Шариф Амони Исфаҳонӣ, Қозӣ Аҳмад Ғаффори Қазвинӣ, Ашкии Қумӣ, Ёқути Анисӣ, Мулло Ғании Аминӣ, Абтари Бадахшӣ, Қиличхони Улфатӣ, Улфати Яздӣ, Улфати Ироқӣ, Байрамхони Хонихонон, Бекасии Ғазнавӣ, Боқии Кӯлобӣ, Баёзӣ, Пайравӣ, Бақоӣ, Мулло Нуриддин Муҳаммади Тархон, Тӯрдии Рӯда, Тавсанӣ, Ташбеҳи Кошӣ, Тақиддини Шуштарӣ, Сонихони Ҳиравӣ, Тазрӯи Абҳарӣ, Саноии Машҳадӣ, Ҷудоӣ, Ҷазбӣ, Ҳайдари Табрезӣ, Ҳазинӣ, Ҳаёти Гелонӣ, Хон Аъзам, Ханҷарбек, Мир Дурӣ, Рафеъӣ, Раҳоӣ, Зайнхони Кӯка, Сипеҳрӣ, Саққо, Шикебии Исфаҳонӣ, Ҳалвои Самарқандӣ, Сабӯҳӣ, Сарфии Совачӣ, Сабурии Ҳамадонӣ, Торумӣ, Тариқи Совачӣ, Тифлӣ, Зуҳурӣ, Олими Кобулӣ, Мир Абдуллоҳи Машҳадӣ, Атоӣ, Маҳдии Шерозӣ, Файзӣ, Қарори Гелонбӣ, Кулоҳӣ ва ғайра тавaққуф намуда, шоирони форсизабонро мувофиқи тартиби алифбо паиҳам ном бурдааст [6].

Як хусусияти ҷолиби ин бахши асари гаронарзиш иборат аз он аст, ки дар он ҷуз аз шоирону суханварони тамомии риҷоли салтанатӣ, ҳокимону соҳибмансабони сӯбаҳои гуногуни Темуриёни Ҳинд, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд ва ё истеъдоди шоирӣ доштаанд, қайд гардида, роҷеъ ба жанри муаммо, ки нуфузи худро дар аҳди Темуриёни Ҳинд пайдо карда, дар осори муаррихон ва адибони Шибҳи қора басо назаррас буд ва тавассути он як қатор масоили норавшани адабиёт ва ҷараёни зиндагӣ, футӯҳот, рухдодҳои сиёсии он адворро пайдо кардан мумкин аст, ҳарф зада, роҷеъ ба ҳар яке аз эшон маълумоти хуб оварда шудаанд.

Масалан, пиромуни вазири донишманди аҳди Акбаршоҳ-**Абулфазли Алломӣ** ва заҳамоти ӯ мусаннифи асар сухан ронда, дар бораи хонаводаи ӯ, таъқибҳои ин хонавода, ишора аз зани ҳинду тавлид шудани Абулфазлу Файзӣ сухан ронда, оид ба хидмати хонаводаи Шайх Мубораки Ногӯрӣ барои рушди салтанати Темуриёни Ҳинд ибрози ақоид кардааст.

Падари Абулфазл дар силки олимони муътамад ва муҳтарами дарбори Акбар қарор дошта, бештар ба тадриси толибилмон машғул буд, ки дар ин маврид Бадоунӣ қайд менамояд, ки «Пайваста ба дарси улуми диния иштиғол дошт ва илми шеър ва муаммо ва фунуни соири масоил… хуб варзида…» [6, с.51]

**Байрамхони Баҳорлуи Бадахшӣ** яке аз аркони салтанати Темуриёни Ҳинд буда, вай аз авлоди Мирзо Ҷаҳонгиршоҳ маҳсуб ёфта, аз ҷумлаи риҷоли баландмақому соҳибнуфузи дарбори Темуриёни Ҳинд, хоса Бобуру Ҳумоюн ба шумор мерафт. Ӯ дар авохири салтанати Бобур ва давраи Ҳумоюн ва нимаи аввали салтанати Акбаршоҳ зиндагонӣ карда, дар 16-солагӣ тавассути падараш ба хидмати Ҳумоюн даромада, дар замони салтанати Ҳумоюн мақоми ӯ дар доираи дарбор бисёр баланд мегардад.

Бадоунӣ зикр менамояд, ки бо шикасти афғонон, Байрамхон аз тарафи Ҳумоюн дар соли 1554/55 ба хитоби ***Хонихонон*** ва лақаби ёри вафодору ҳамдами ғамгусор сарафрозӣ ёфта, «бисёр дарвешдӯст ва соҳибҳол ва некандеш буд…» [6,с.132].

Бадоунӣ дар мавриди хислатҳои наҷиби Байрамхон низ сухан ронда, зикр менамояд, ки вай доимо пуштибони аҳли илму адаб буда, ононро мавриди инояту эҳтироми худ қарор медод ва дар дарбор ба мақомҳои баланд таъин менамуд, ки дар ин маврид Бадоунӣ қайд менамояд: «фузалои ҷаҳон аз атрофу акноф рӯ ба даргоҳи ӯ оварда, аз каффи баҳрмисолаш шодоб мерафтанд ва боргоҳи осмонҷоҳаш қиблаи арбоби фазлу камол буд ва замонро бо вуқуди шарифаш тафохур» [6,с.132] .

Бадоунӣ дар асараш дар хусуси истеъдоди баланди шоирии Байрамхон маълумот дода, ҳамчунин қайд менамояд, ки вай девоне ба забонҳои туркӣ ва форсӣ тартиб додаст, ки ин девони ӯ бисёр машҳуру маъруф аст.

***Эй, он ки аниси хотири маҳзунӣ,***
***Чун табъи латифи хештан мавзунӣ.***
***Бе ёди ту нестам замоне ҳаргиз,***
***Оё ту ба ёди мани маҳзун чунӣ…*** *[6,с.133].*

Ё, ин ки рубоии дигар;

***Ҳарфе нанавиштӣ, дили мо шод накардӣ,***
***Моро ба забони қаламе шод накардӣ.***
***Обод шуд аз лутфи ту сад хонаи вайрон,***
***Вайронаи мо буд, ки обод накардӣ*** *[6,с.134].*

Мусанниф дар ҷилди сеюми асараш аз Байрамхон ду рубоӣ, ду байт ва як қасида дар шаъни Алӣ ва шаш байт аз қасидаи дигари вай дар боби устурлоб барои намуна оварда, қайд менамояд, ки «*Девон ба забони форсӣ ва туркӣ тартиб дода*», ин рубоиро барои намуна аз ӯ овардааст:

***Арбоби фано баланду паст эшонанд,***
***В-аз ҷоми бақо мудом маст эшонанд.***
***Дар маъризи нестист, ҳар чиз ки ҳаст,***
***Медон ба яқин, ки ҳар чӣ ҳаст, эшонанд*** [6,с.132-133]

Бадоунӣ дар асар асомии **164 шоир**ро, ки дар дарборҳову пойтахтҳои Ҳиндустон дар аҳди салтанати Акбар фаъолият мекарданд ва ба корҳои гуногуни девонию дарборӣ вобаста гардида буданд, оварда, дар хусуси аксари онҳо маълумоти муфид овардааст. Аҷиб аст, ки аз ин теъдоди шоирон, ки Бадоунӣ ҷилди сеюми асари худро пурра ба онҳо бахшидааст, қисме шоирони ҳирфаӣ набуда, ба вазифаҳои гуногун, баъзе аз онҳо ба мақомҳои олии дарборӣ ва вазоратҳо ва ҳатто, ба мансабҳои низомӣ алоқаманданд, аммо Бадоунӣ онҳоро дар силки шоирони аҳди Акбар қаламдод кардааст.

Нигорандаи асар дар зикри шуарои аҳди Акбар чи хеле ки фавқуззикр қайд гардид, аввал доир ба малукушшуарои аҳди Акбаршоҳ - Ғаззолии Машҳадӣ, сипас оид ба Қосими Коҳӣ, Хоҷа Ҳусейни Марвӣ, Файзии Даканӣ ва Қосим Арслон таваққуф намуда, баъдан дигар шуарои форсизабонро мувофиқи тартиби алифбо паиҳам ном бурдааст.

Бадоунӣ доир ба истеъдоди шоирии Ғаззолӣ ва ҳайсияти ашъори ӯ гуфтааст: «Чанд девон ва китоби маснавӣ дорад. Мегӯянд, ки ӯ соҳиби 40-50 ҳазор байт аст. Агарчи сухани ӯ рутбаи олӣ

чандон надорад, аммо дар камӣ ва кайфият ашъори ӯ зиёда аз ҳама ақрон аст. Ба забони тасаввуф муносибати тамом дорад» [6,с.119].

Нисбат ба Абулфайзи Файёзӣ, ки яке аз шоирони машҳур, табиб, нависанда ва олими намоёни дарбори Акбаршоҳ маҳсуб меёфт, Бадоунӣ дар бораи поягу мартабаи дониши Файзӣ дар 11 саҳифа ақида ронда, қайд менамояд, ки «*Дар фунуни ҷузъия аз шеъру муаммо ва арӯзу қофия ва таъриху луғат ва тиббу иншо адил дар рӯзгор надошт*» [6,с.205].

Дигар аз донишмандони ин аҳд Абулқосим Наҷмуддин Кобулӣ маҳсуб ёфта, ӯ низ ба Ҳинд сафар карда, то авохири умр дар ин кишвари биҳиштосо зиндагӣ намуда, бо номи Қосими Коҳӣ ё Коҳии Кобулӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ машҳур гаштааст.

Аз рӯи маълумоти Абдулқодири Бадоунӣ вай донандаи хуби улуми нуҷум, тафсир, тасаввуф буда, дар мусиқӣ ва муаммо фаҳмиши хуб дошта, сухандони моҳир ба шумор мерафт. Бадоунӣ мегӯяд: «Аз илми тафсир ва ҳайат ва калом ва тасаввуф ӯро баҳраи тамом бувад ва дар илми мусиқӣ тасниф дорад ва дар илми тасаввуф ва муаммо ва таърих ва ҳусни адо ва ғайри он беқаринаи рӯзгор аст» [6, с.120,121с.11].

Ғазанфар Алиев дар «Адабиёти форсизабони Ҳинд» (1968) фасли ҷудогонае ба аҳволу осори Наҷмиддин Абулқосим Қосими Коҳӣ ихтисос додааст, ки аз шеъри хуб эҷод кардани ӯ огоҳӣ медиҳад. Аз рӯи гуфти ӯ, назми Коҳӣ «ба ташаккули шавқу завқи адаби асри XVI хеле ҷиддӣ таъсир расонидааст» [2,с.102].

Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» менависад, ки аз ашъори Коҳӣ «бӯи бодаи Хайём меояд» [1].

Мавлоно Қосими Коҳӣ муаллифи муаммо доир ба фавти ҷаннатошёнӣ-Ҳумоюнподшоҳ, падари Акбар мебошад:

***Ҳумоюн подшоҳ малики маънӣ,***
***Надорад кас чу ӯ шоҳаншаҳе ёд.***
***Зи боми қасри худ афтод ногаҳ,***
***В-аз он умри азизаш рафт бар бод.***
***Бинои давлаташ чун тофт зи азимат,***
***Асоси умраш аз анҷом афтод…***
***Пайи таърихи ӯ Коҳӣ рақам зад,***
***«Ҳумоюн подшоҳ аз бом афтод»*** *[6,с.366-11]*

Ҳамин муаммо дар асари набераи Ҳумоюнподшоҳ-Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгир (с.тав. 30.08.1569/ с.ваф. 8.11.1627) «Ҷаҳонгирнома» низ айнан барои ифодаи матолиб оварда шудааст:

**Ҳумоюнподшоҳ аз бом афтод** [12]

Абдулқодири Бадоунӣ оид ба Ҳусайни Марвазӣ менависад, ки «дар водии салосати шеъру иншо ва саноеу бадоеъ ва ҳусни тақрир ва фасоҳату балоҳат ва зарофат, латофат беназир буд» [6,с. 38]

Абёти зер дар асари Бадоунӣ оварда шудааст:

***Шаб аз ҳуҷуми гиря, ки хобам намебарад,***
***Дар ҳайратам, ки баҳри чӣ обам намебарад*** *[6,с.38]*

**Осафхони Қазвинӣ** низ аз аркони баландпояи дарбори Акбар маҳсуб ёфта, дар рушду инкишофи адаби форсизабони Ҳинд саҳми бузург ба ҷой гузоштааст. Дар сарчашмаҳои адабӣ бисёр суханварон дар бобати ҳунару истеъдоди шоирии Осафхон маълумот дода, аз ашъори ӯ намунаҳо овардаанд. Бадоунӣ дар асари арзишманди худ низ абётеро аз Осафхон, ки дар сифати ишқ гуфтааст, барои намуна меоварад:

***Маро ишқи оташафрӯз аст дар дил,***
***Зи ишқам миннати сӯз аст дар дил.***
***Ба ранги гул чу бӯйи ишқ омехт,***
***Дили булбул қафас бар шохаш омехт*** *[6,с.257].*

Абулфазли Алломӣ дар хусуси Осафхон низ қайд намудааст, ки "*фаҳми олӣ дорад, лахте огоҳӣ андӯхта. ...Ва дар таблчигарӣ чирадаст ... ва ба базлагӯйӣ ҳангома ороядˮ*[ 3, с.173].

Бадоунӣ дар асари таърихии худ дар баъзе маврид аз пургӯӣ худдорӣ карда, дар аксар маврид ҷумлаҳои кӯтоҳро оварда, дар бораи баъзе шуаро танҳо як-ду ҷумла ва намуна аз ашъори онҳо иктифо варзидааст. Масалан, дар бораи шоир **Боқии Кӯлобӣ** гуфта, ӯ «табъи шоирӣ дорад.., муддате дар Ҳиндустон буда, дар айёми боғигарӣ маъсуми Кобул гашта…», ё

нисбат ба шоир **Тақиддини Шуштарӣ** қайд менамояд, ки «шеър накӯ медонад, табъи назмӣ дорад» ва як рубоиро аз ашъори ӯ барои намуна овардааст [6,с. 143].

Доир ба **Саноии Машҳадӣ** қайд кардааст, ки «Номаш Хоҷа Ҳусейн аст. Пеш аз он ки ба Ҳиндустон биёяд, бузургони ин диёр бар байте аз ӯ ғоибона базме меоростанд ва дар ҳар маҷлисе шеъри ӯро табаррук мехонданд. Девони ӯ машҳур аст ва маснавии хубе дорад» [6,с. 144].

Оид ба шоир **Рафеӣ** қайд менамояд, ки номи ӯ Мир Ҳайдари Муаммоӣ буда, аслан аз Кошон аст, «*фаҳми олӣ ва салиқаи дуруст дорад, дар фунуни муаммо ва таърих бебадал аст*» [6,с.159].

Дар бораи ***Дарвеш Баҳроми Бухороӣ,*** ки бо тахаллуси **Саққои Бухороӣ** машҳур аст, зикр менамояд, ки «аз муридони силсилаи Шайх Ҷомӣ Муҳаммади Хабушонӣ қуддси сарра буда, дар кӯчаҳои Огра бо шогирде об ба халоиқ медод... Роҳи Сарандеб пеш гирифта, дар миёни роҳи Сейлон вафот кардааст. Муаллифи асар чанд ашъор, ки «*аз натоиҷи фикри софи обдори ӯст»,* барои намуна овардааст [6,с.168].

Дар ҷилди сеюми «Мунтахаб-ут-таворих» мақоми шоири намоёни асри XVI, ки аз Осиёи Миёна ё Эрон дар даврони салтанати Акбаршоҳ ба Ҳинд сафар намуда, мақоми хешро дар дарбори ин шоҳи Темуриёни Ҳинд пайдо карда наметавонад, маълумоти судманд овардааст. Масалан, доир ба шоир **Ғайрати Шерозӣ** кӯтоҳ қайд менамояд, ки *«муддате дар Ҳинд буда, боз ба Шероз рафт»* ва барои намуна 4 байт аз ашъори ӯ овардааст [6,с.200].

Дигар аз шуарое, ки ба Ҳинд сафар намуда, боз ба зодгоҳи худ омадааст, ин **Мушфиқии Бухороӣ** мебошад. Мушфиқӣ дар аҳди Акбар ватани худ шаҳри Бухороро тарк намуда, ду бор ба Ҳинд сафар карда, боз бо сабабе ба ватани худ баргаштааст. Бадоунӣ дар асари худ мегӯяд, ки «Мушфиқии Бухороӣ аслан аз Марв аст. Баъзе мардум дар қасида ӯро Салмони замона медонанд. Забони ҳаҷви рақиқ (нозук) дорад ва аз ҳаҷвҳои малоеҳи ӯ ин қитъа аст, ки дар мартабаи охир ба Ҳинд омада ва гуфта:

***Кишвари Ҳинд шаккаристон аст,***
***Тӯтиёнаш шакарфурӯш ҳама.***
***Ҳиндувони сиёҳ чун магасон,***
***Чирабанду нӯгчапӯш ҳама»*** *[6,с.95-196].*

Ҳамзамон, дар бораи шоири номдор **Зуҳурии Туршезӣ**, қайд менамояд, ки «*Мавлоно Зуҳурӣ соҳиби девон аст*» [6,с.185].

Мулло Нуриддин Муҳаммади Зуҳурӣ шоир ва насрнависи форсизабони Ҳиндустон буда, тақрибан соли 1537 дар қарияи Ҷаманд –деҳае дар наздикии Туршез (имрӯза дар ҳудуди Кошмари Эрон) ба дунё омада, бо мурури замон аз Шероз ба Ҳинд сафар намуда, дар Аҳмаднагар дар дарбори Низомшоҳиёни Дакан эътибори зиёд пайдо намудааст. Бо Малики Қумӣ, Урфии Шерозӣ, Файзии Файёзӣ, Назири Нишопурӣ ва дигар суханварони маъруфи замон дӯстӣ ва равобити адабӣ дошт.

Аз рӯи маълумоти муҳаққиқон кулли осори шоир ҳудуди 20-25 ҳазор байт буда, мусаннифи асар қайд менамояд, ки «.. салиқаи ӯ дар шеър ва иншо дуруст аст» ва барои намуна аз эҷодиёти ӯ рубоӣ овардааст:

***Заҳрам ба фироқи худ чашонӣ, ки чӣ шуд,***
***Хунрезиву ва остинфишонӣ, ки чӣ шуд.***
***Эй ғофил аз он ки теғи ҳаҷри ту чӣ кард,***
***Хокам ба фишор то бидонӣ, ки чӣ шуд*** *[6,с.182]*

Бадоунӣ доир ба **Қосим Арслон** мухтасар маълумот оварда, зикр менамояд, ки падари шоир худро аз насли Арслон Ҷозиб, ки яке аз умарои номии Султон Маҳмуди Ғазнавӣ меҳисобид, «ба ин тахаллус шеър мегуфт» [6,с.124].

Аз рӯи маълумоти мусанниф асли ӯ аз Тӯс буда, нашъунамо дар Мовароуннаҳр ёфта, шоири ширинкалом ва ба ҳусни хату латофат табъи мақбули хосу ом гардида, соҳиби девон будааст.

Дар хусуси **Саноии Машҳадӣ** менависад, ки «*Номаш Хоҷа Ҳусейн аст. Пеш аз он ки ба Ҳиндустон биёяд, бузургони ин диёр бар байте аз ӯ ғоибона базме меоростанд ва дар ҳар маҷлисе шеъри ӯро табаррук мехонданд. Девони ӯ машҳур аст ва маснавии хубе дорад»* [6,с. 144].

Дар ниҳоят метавон, ба хулосае расид, ки Бадоунӣ аз чеҳраҳои тобони адабиёти форс-тоҷик дар Ҳиндустон ба шумор рафта, хидмати вай дар пешрафти ҳаёти адабӣ, илмии Ҳиндустони авохири асри XVI хеле назаррас буда, аз мумтозтарин донишмандон ва мутарҷимони барҷастаи дарбори Акбаршоҳ маҳсуб ёфта, дар таърихнигории форсу тоҷик мақоми шоистае дорад.

Асарҳои арзанда ва гаронбаҳои таърихии ӯ қиммати баланди адабию таърихӣ дошта, дар шинохти аҳвол ва ашъори шуарои шинохташуда ва ё аз назарафтодаи доираи адабии Темуриёни Ҳинд мавқеи махсус дорад ва дар равшан кардани лаҳазоти таърихии садаи XI-XVI Ҳиндустон, бозгӯи зиндагиномаи муаллиф, шинохти равобити эҷодии ӯ бо муосиронаш, ҳамнишиниаш бо шоҳу арбобони мазҳаб ва уламои замон дорои арзиши фавқулодаи илмиву таърихӣ буда, таҳқиқи он барои кашфи уфуқҳои тозаи шеъру адаби форсӣ дар шибҳи қораи Ҳинд мусоидат хоҳад кард.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод/ С.Айнӣ. –Душанбе: Адиб, 2010, - 448 с.
2. Алиев, Г.Ю. Персоязычная литература Индии/Г.Ю.Алиев.– Москва, 1968, –247с.
3.Алломӣ, Абулфазл. Ойини Акбарӣ. Ҷилди аввал. Тарҷумаи Мавлавӣ Муҳаммад Фидоалии Соҳиб Толиб / А.Алломӣ. –Ҳайдаробод, 1357. -576 с.
4. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб-ут-таворих. Ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб ва эҳтимоми Кабируддин Аҳмад/А.М.Бадоунӣ. – Калкутта, 1868. – 492 с.-1 ҷ.
5. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб-ут-таворих. Ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб. Бо муқаддима ва изофоти Тавфиқ Субҳонӣ/А.М.Бадоунӣ. – Теҳрон, 1380. – 407 с.-ҷ.2
6. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб-ут-таворих. Ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб ва бо муқаддимаву изофоти Тавфиқ Субҳонӣ/А.М.Бадоунӣ.- Теҳрон, 1380. – 344 с.-ҷ.3
7. Донишномаи адаби форсӣ. Адаби форсӣ дар Шибҳи қора. /Ҳинд, Покистон, Бангладеш/. Ҷилди чаҳорум, бахши I. Ба сарпарасти Ҳасани Ануша. - Теҳрон, 1380. -921 с.
8. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома/А.Деҳхудо. –Теҳрон, 1335.- 654с.- 41 ҷ.
9. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон/ Саид Нафисӣ. -Теҳрон, 1344. -664 с.-1ҷ.
10. Норик, Б. В. Биобиблиорафический словарь среднеазиатской поэзии (XVI – первая треть XVII в.). – М., 2011. - 972 с.
11. Пӯлотов, Н. Н. Нигоҳе ба ҳаёт ва мероси адабии Қосими Коҳии Миёнколи / Н. Н. Пӯлотов // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2020. – No. 2(63). – P. 90-96. – EDN JMUJOC.
12. Пулатов, Н. Н. Литературно - историческая ценность "Джахангир-наме" / Н. Н. Пулатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2018. – № 7. – С. 240-244. – EDN VPQSWN.
13. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ/З.Сафо.– Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 636 с.-5 ҷ.
14.Саидҷаъфаров,О.Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI–XVII./ОСаидҷаъфаров.- Душанбе, 2014. - 479 с.
15.Субҳонӣ, Тавфиқ.Нигоҳе батаърихи адаби форсӣ дар Ҳинд/С.Тавфиқ.– Теҳрон,1377.–724 с.
16.Ҳусейнқулихон, Азимободӣ. Наштари ишқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо. Ҷ.IV.–Душанбе: Дониш, 1986. - С.1173-1496.
17. Ҳордӣ. Бадоунӣ / Донишномаи ҷаҳони ислом. Ҷ.2. – Теҳрон: Бунёди доиратул-маорифи исломӣ. 1375. – С. 461- 463.


## REFERENCES:


1. Ayni, Sadriddin. Pattern of Tajik Literature. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2010. – 448 p.
2. Aliev, G.Yu. Persian-language literature of India. – Moscow, 1968, –247 p.
3. Allami, Abu-l Fazl. Ain-I Akbari. –V.1. Translated by Mavlavi Muhammad Fidoali Sohib Tolib./ A.Allami. Haydarobod. 1357. -576 p.
4. Badaoni, Abdu-lqodir Mulushoh. Muntakhad at-tawarikh. Under the editorship of Mavlavi Ahmad Ali Sohib and Kabiruddin Ahmad. -V. 1. – Tehran, 1868. – 492 p.
5. Badaoni, Abdu-lqodir Mulushoh. Muntakhad at-tawarikh. Under the editorship of Mavlavi Ahmad Ali Sohib. Introduced and added by Tavfiq Subhoni. – V. 2. – Tehran, 1380. – 407 p.
6. Badaoni, Abdu-lqodir Mulushoh. Muntakhad at-tawarikh. Under the editorship of Mavlavi Ahmad Ali Sohib. Introduced and added by Tavfiq Subhoni. – V. 3. – Tehran, 1380. – 344 p.
7. Avenges of Persian Literature in Peninsula Continent. /India, Pokistan, Banglodesh/. Hasan Anusha. - V.4. Part I. – Tehran, 1380h. - 321 p.
8. Dekhudo, Aliakbar. The Interpretational Dictionary. –V.41 /A/ Dekhudo. – Tehran, 1335. – 654 p.
9. Nafisi, Said. History of poetry and prose in Iran. -V.1. / Said Nafisi. - Tehran, 1344. -664 p.

10.Norik B.V. A Bio-Bibliographical Dictionary of Poetry in the Central Asia (XVI – first third XVII c). – M. 2011. – 972 p.
11. Pulatov, N.A Some Views on Qosim Kohi Miyonkoli`s Life and Creative Heritage/ N.Pulatov// Scientific Notes. Series of humanities and social sciences. - 2020. - №2 (63). – P. 90 - 96
12. Pulatov, N. Literary and Historical Value of “Jahangir-Name” // Bulletin of the Tajik National University. – 2018.- №8 (7). - P. 240 – 244.
13. Safo, Zabenullah. The History of Literature in Iran. -V.5. - Tehran, 1373.
14. Saidjafarov O. The political and literary situation of India in the XVI-XVII centuries. Dushanbe, 2014. - 479 p.
15. Subhani, Tawfiq. A look at the history of Persian literature in India. - Tehran, 1377. - 724 p.
16. Huseynqulikhon, Azimobodi. Edge of Love / Introduction by Asgari Jonfido. — V.IV. Dushanbe, 1986. P.1173-1496.
17. Hardy. Badouni / Knowledge of the Islamic world. V.2. - Tehran: Foundation of Islamic Education. 1375. - P. 461-463